«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______ Насриддинзода Э.С.
«26» ____02____ соли 2024

# ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 7

ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 24.02.2024 с. ш. Душанбе

**Раисикунанда:** Тағоев Баҳром Дустмаҳмадович – н.и.и., дотсент мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Котиб**: Давлатов Сорбон Назирмадович – н.и.и., муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б., д.и.и., профессор Низомова Т.Д., н.и.и., дотсент Фаррухӣ Р., н.и.и., дотсент Ҳодиев Д.А., н.и.и., дотсент Набиева Д.М., н.и.и., дотсент Сафаров Н.У., н.и.и., дотсент Сафаров А.Ҳ., н.и.и. Содиқов Қ.А., н.и.и., дотсент Холназаров М.Б., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Восиев Ф.М., н.и.и., дотсент Искандаров Ҳ.Ҳ., н.и.и., муаллими калон Саъдуллозода М.К., н.и.и., дотсент Раззоқова Г.Ҳ., н.и.и., муаллими калон Каримов М.И., н.и.и., муаллими калон Шарипова Х., муаллими калон Чоршанбиев С.Р., ассистент Зардова З.С. ва унвонҷӯён.

Мутахассисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон д.и.и., профессор Амонова Д.С., д.и.и., профессор Султанов З. ва н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзӯи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии

инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович мебошад.

**Шунида шуд:** Оиди масъалаи мазкур унвонҷӯ Садиқова Шукрона Карчаевна баромад намуда, доир ба мазмун ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, ки рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва таъмини рақобатпазирии он аз дараҷаи самаранокии татбиқи принсипҳои асосии консепсияи инкишофи инноватсионӣ вобаста мебошад. Дар шароити кунунӣ самти афзалиятноки рушди иқтисодӣ ҷалби сармоягузориҳо ба татбиқи принсипҳои инкишофи инноватсионӣ шуморида мешавад. Иқтисодиёт ҳамон вақте инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки агар рушди иқтисодӣ дар асоси такмили технология, афзоиши истеҳсолот, содироти маҳсулот ва технологияҳои ҷадид таъмин гардида бошад.

Дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ фоида асосан на аз ҳисоби захираҳои табиӣ ё ҷараёни маблағгузорӣ, балки бештар аз ҳисоби навоварӣ ва иттилоот ба даст меояд. Иқтисодиёт ҳамон вақт дар роҳи инноватсионии тараққиёт карор мегирад, ки агар дар асоси кашфиёти илмӣ ва рушди нави сифатии соҳаҳои иқтисоди миллӣ бо таваҷҷуҳ ба истеҳсоли молу хизматрасониҳои нав ба пеш ҳаракат намояд. Омили асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ сармояи инсонӣ мебошанд, ки ба сифат ва микдори дигар омилҳои рушди инноватсионӣ ва махсусан ба захираҳои иттилоотӣ, ташкилӣ ва маъмурӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Сармояи инсонӣ бошад омили калидӣ ва захираи муҳимтарини гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба шумор меравад, ки нишондиҳандаҳои сифатӣ ва микдории рушди онро муҳити институтсионалӣ муайян менамояд. Қобили қайд аст, ки муҳити институтсионалӣ фарогири раванди комили такрористеҳсоли сармояи инсонӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ заминаи муҳими ноил гардидан ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ модели инноватсионии рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи принсипҳои асосии он самти афзалиятноки ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар барои давраи дарозмуддат мебошад.

Сохтори амалии иқтисодиёти муосир, асосҳо ва институтҳои он ба тавлид ва татбиқи инноватсияҳо нигаронида шуда, бо равандҳои навҷо-

рисозӣ фаро гирифта мешаванд. Ин аз ҷониби давлат таъмини самаранокии низоми омоданамоии кадрҳо, рушди босуботи фаъолияти соҳибкорӣ (аз ҷумла механизмҳои коҳиш додани хатарҳои соҳибкорӣ), ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи воситаҳои муосири идоракунӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодиёти инноватсиониро талаб мекунад. Худи истилоҳи «иқтисоди инноватсионӣ», агарчӣ имрузҳо корбурди хеле васеъ дорад, аммо дар адабиёти иқтисодӣ, дар санадҳои қонунгузории дорои хусусияти барномавӣ дошта ва амсоли он ба таври мухталиф таъриф мешавад. Муаммоҳои зикршуда дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

Дар рафти ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён: д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б., н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р., н.и.и., дотсент Ҳодиев Д.А., н.и.и., дотсент Набиева Д.М., н.и.и., дотсент Сафаров Н.У., н.и.и., дотсент Сафаров А.Ҳ., н.и.и., дотсент Содиқов Қ.А., н.и.и., дотсент Холназаров М.Б., н.и.и., дотсент Урунбоев А. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба саволҳои онҳо Садиқова Ш.К. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.и., профессор Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович баромад намуда, оид ба фаъолияти педагогӣ ва илмии Садиқова Ш.К. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти хуби педагогӣ ва эҷодӣ дошта, рисолаи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои марҳилаҳои баъдии ташхиси пешакӣ дар шурои диссертатсионӣ тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки ӯро дастгирӣ намоянд.

Сипас, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.и, профессор Ғаниев Т.Б. ва профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон д.и.и., профессор Низомова Т.Д. баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта арзёбӣ намуда, барои ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур инчунин, н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Сафаров Н.У., н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ Восиев Ф.М., н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Сафаров А.Ҳ. баромад намуда, тавсияҳо ва пешниҳодоти худро барои боз ҳам беҳтар намудани рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ тавсияҳо намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотиро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу барра-

сии масъалаҳои назариявию услубӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Садиқова Ш.К. муҳақиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, насбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки ба ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ саҳми назаррас мегузоранд, нигаронида шаванд.

Садиқова Ш.К. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Баромади Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзӯи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тақризҳои муқарризони расмӣ Ғаниев Т.Б. - д.и.и., профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии ДМТ, Низомова Т.Д. - д.и.и., профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, Исайнов Ҳ.Р. - д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии ДМТ ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзӯи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Диссертатсияи Садиқова Шукрона Карчаевна дар мавзӯи «Ташаккули муҳити институтсионалӣ-инноватсионии рушди сармояи инсонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз

рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 15 – нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Қарор дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, протоколи №7 аз «24» феврали соли 2024 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Тағоев Б.Д.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи идоракунии захираҳои инсонии факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Давлатов С.Н.**

Дурустии имзоҳои Б.Д. Тағоев ва С.Н. Давлатовро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«____» __________2024

**Суроғаи донишгоҳ:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Саҳифаи интернетӣ: www.tnu.tj. Телефон: (992-37) 221-77-11. Факс: (992-37) 221-48-84.
E-mail: tgnu@mail.tj. tnu.int.re@gmail.com.